Протоколи №44-и
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-117
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 15-уми октябри соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шуро 12 нафар, 5 аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда

Раиси шуро: доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "2"-юми феврали соли 2026, №53/шд тасдиқ шудааст, 12 иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чи пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Тарафдор? Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи **Қодирзода Муҳаббат Аликул** дар мавзуи **"Воҳидҳои фразеологӣ-фитонимии забони тоҷикӣ ва аналогҳои онҳо дар забони англисӣ"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ

ШУНИДА ШУД:

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Қодирзода Муҳаббат Аликул ба шурои диссертатсионӣ.

БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ Соҳибназарзода Ҳавасмоҳ Тилло маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Қодирзода Муҳаббат Аликул ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026, таҳти № 591 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи **Қодирзода Муҳаббат Аликул** дар мавзуи **“Воҳидҳои фразеологӣ-фитонимии забони тоҷикӣ ва аналогҳои онҳо дар забони англисӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Ҷамшедов Парвонахон** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ.

– **Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

– **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона қонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Сохибназарзода Ҳ.Т.